Қалам (навиштани амалҳои онон ба воситаи фариштагон) аз се нафар бардошта шудааст: Аз хоб, то ин ки бедор шавад, аз кӯдак, то ин ки ба балоғат бирасад, аз девона, то ин ки ақлаш баргардад

Аз Алӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Қалам (навиштани амалҳои онон ба воситаи фариштагон) аз се нафар бардошта шудааст: Аз хоб, то ин ки бедор шавад, аз кӯдак, то ин ки ба балоғат бирасад, аз девона, то ин ки ақлаш баргардад."

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود والترمذي والنسائي في الكبرى وابن ماجه وأحمد]

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки таклиф (яъне масъулият ва мукаллаф будан барои ибодатҳо) бар сари ҳамаи фарзандони Одам воҷиб аст, ба ҷуз аз се гурӯҳ: Кӯдаки хурдсол, то вақте ки бузург шавад ва ба балоғат расад. Девона, ки ақлашро аз даст додааст, то вақте ки ақлаш баргардад. Хобида, то вақте ки бедор шавад. Бинобар ин таклиф (воҷиботи шаръӣ) аз онҳо бардошта шудааст, агар онҳо амали гуноҳе анҷом диҳанд, барояшон навишта намешавад. Аммо барои кӯдаки хурдсол корҳои хубаш навишта мешаванд, вале барои девона ва хобида не, зеро онҳо дар ҳолате қарор доранд, ки ибодаташон саҳеҳ нест, чун ки ақлу эҳсос надоранд.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/58148